## 1.Роҳбарӣ ба бозӣ ва ташкили он аз тарафи мураббия

Ҷараёни роҳбарӣ ба бозиҳои эҷодии нақшдору мазмуннок бояд дар чунин шакл ташкил карда шавад, ки тарбия намудани малака ва маҳорат бо ташаккули сифатҳои шахсӣ ҳамоҳанг бошанд.

Ин принсипро ба назар гирифта 3 гурӯҳи усулҳоро муайян мекунем.

**Гурӯҳи якуми усулҳо** бо ғанӣ гардонидани тасаввурот ва таассуротҳои кӯдакон дар бораи муҳити атроф вобаста аст. Ба он мушоҳида тааллуқ дорад: саёҳатҳо (нахустин, такрорӣ, ҷамбастӣ); вохурӣ бо одамони касбу кори гуногун; хониши ифоданоки адабиёти бадеӣ; сӯҳбат; нақл бо истифодаи расму суратҳое, ки дар он муносибатҳои байниҳамдигарии калонсолон дар меҳнат ва ҳаёт тасвир ёфтаанд, нақли мураббия бо намоиш додани ҳама гуна маводҳо (расму суратҳо) доир ба рӯйдодҳо ва ҳаёти ҷамъиятӣ; тартиб додани ҳикоя ва нақл аз тарафи худи кӯдакон дар бораи вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ; сӯҳбатҳои инфиродӣ бо кӯдакон, ки тасаввуротҳои онҳоро дар бораи ҳодиса, рӯйдодҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ муайян менамояд; сӯҳбатҳо дар мавзӯи рафтор.

Ба **гурӯҳи дуюми усулҳое** дохил мешаванд, ки ба ташкил ва инкишофи фаъолияти бозӣ равона карда шудааст. Дар байни онҳо иштироки мураббия дар бозии эҷодӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд: бозӣ бо як нафар кӯдак, иҷро намудани нақши асосӣ ё дуюмдараҷа. Ба ғайр аз ин мураббия дар амалӣ гардонидани дониши замкардаи кӯдакон дар ҷараёни машғулиятҳо ёрӣ расонида, пешниҳод, хотиррасон кардан, маслиҳат додан, интихоби маводи бозӣ, сӯҳбатҳо доир ба интихоби мазмуни бозӣ, инкишоф додани мазмуни бозӣ, ҷамбаст намудани он ва ғайраҳоро васеъ истифода мебарад.

Мураббия хусусиятҳои инфиродии кӯдакро ба назар мегирад, яъне кӯдаконе ҳастанд, ки дар бозӣ мустақилият нишон медиҳанд, ба қувваи худ боварӣ доранд ё баръакс кӯдакони шармгин. Дар ин маврид мураббия ҳар як пешиҳоди кӯдакро дастгирӣ менамояд.

**Гурӯҳи сеюми усулҳоро** дар иҷрои вазифаҳои мураббия мебинем. Вазифаи асосии мураббия аз он иборат аст, ки дар ҳар як кӯдак маҳорати мустақилона тақсим кардани нақшҳоро бо назардошти имконият, шавқу рағбати ҳар як иштирокчии бозӣ тарбия намояд. Аз ин рӯ мураббия бояд характер, одатҳои ҳар як кӯдакро хеле хуб омӯхта доимо барои ҳамдигарро хубтар шинохтан имконият диҳат, ба сифатҳои хуби шахсияти ҳар як нафар диққати кӯдаконро равона мекунад. Раҳёфти ҳалли чунин вазифаҳоро дар ташкил намудани шаклҳои гуногуни кор ба монанди гузаронидани озмунҳо, ташкили вазъиятҳои психологӣ ва ғайраҳо дидан мумкин аст.

Як бозиро ташкил менамоем, ки дар он талаботи ба эътирофи шахсияти кӯдак, муносибати ба ҳамсолон нигаронидашуда, худидора кардани рафтор ташаккул меёбад.

Мушоҳида менамоем, ки мураббия муносибати байниҳамдигарии кӯдаконро ба ҳамон самт равона менамояд, ки онҳо шавқу ҳаваси якдигарро дар иҷрои нақш ба ҳисоб гиранд. Ба воситаи гурӯҳ ба ташаккул ёфтани шахсияти кӯдак ва эътирофи ӯ аз тарафи дигарон таъсир расонида мешавад.

Маҳорати баланди мураббӣ аз ҳама бештар дар ташкили фаъолияти мустақилонаи бачагон ба назар мерасад.

- Чӣ тавр кӯдаконро ба бозии шавқовар ва босамар ҷалб намудан, ҳамзамон халал нарасонидан ба фаъолнокии ӯ?
- Чӣ тавр бозиҳоро ба тартиб даровардан ва ҷудо намудани ҷои бозии кӯдакон дар гурӯҳ?
- Ё дар майдонча, то ин ки онҳо ба ҳамдигар халал нарасонида,бозӣ кунанд?
- Чӣ тавр ва бо кадом роҳ нофаҳмию муқобилияти байни кӯдаконро бартараф бояд кард?

Ин масъалаҳо дар асоси тарбияи ҳаматарафаи кӯдакон ва инкишофи фаъолияти эҷодии ӯ ба миён меояд.

Дар кӯдакистон методу усулҳои зиёди таъсиррасонӣ ба инкишофи кӯдак истифода мешавад, ки интихоби онҳо ба вазъияти конкретӣ вобаста аст. Баъзан мураббиён ҳангоми шинос шудан бо таҷрибаи пешқадами педагогӣ (аз рӯи матнҳо, аз машғулиятҳои кушод, аз рафти бозиҳо) дар баробари ин боз роҳу усулҳои нави роҳбарӣ ва ташкили бозиҳоро дарёфт мекунанд. Ва онҳоро ба таври механикӣ ба кори худ дохил мекунанд,ки аз оннатиҷаи дилхоҳ ба даст меоваранд.

Усулҳои методӣ ҳамон вақт натиҷаи хуб медиҳад, агар мураббия онҳоро системанок тағйир дода истад, меъёрҳои умумии инкишофи психики кӯдакон ва қонуниятҳои фаъолияти ташкилкардаро ба назар гирад ва табиати кӯдаконро хуб дона два дарк намояд. Дар баробари аз худ намудани тарзҳои амалиёти ба ин ё он фаъолият хоси кӯдакон метавонанд онҳоро дар ҳамин шаклё бо дигар шарту шароитҳо истифода баранд. Барои ҳамин ҳам бояд дар хонаи гурӯҳ ва қитъа ҳамаи шароитҳо барои фаъолияти мустақилонаи кӯдакон таъмин карда шавад. Ҳар як ашё ё бозича бояд бо тартиби муайян нигоҳ дошта шавад, яъне ҷои муайяни худро дошта бошад, то ин ки ба кӯдакон ҳамаи онҳо дастрас бошанд ва онҳо тавонанд баъди анҷоми бозӣ онҳоро дар ҷои худ гузоранд. Ҳамаи таҷҳизотҳои бозикунӣ дар гурӯҳ тавре ҷойгир карда шуда бошад, ки дар фаъолиятҳои гуногуни худ кӯдакон ба ҳамдигар халал нарасонанд.

Гӯшаи оромтарин дар гурӯҳ барои гузаронидани бозиҳои мустақилонаи кӯдакон бо бозичаҳои дидактикӣ, тамошои расмҳо ва дигар бозиҳо ба кор бурда мешавад. Бозичаҳои дидактикӣ ва китобчаҳо дар шкафи рӯяш кушода, ки дар наздикии ҷои нишасти кӯдакон мавҷуд аст ҷойгир карда шавад. Дигар намуди бозичаҳои дидактикӣ (мураккаб)

бояд ба кӯдакон намоён шуда истанд. Беҳтараш онҳо дар равадҳое, ки аз қади кӯдакон андак баланд аст гузошта шаванд.дар лаҳзаҳои лозимӣ ин бозичаҳоро мураббия дастраси онҳо мегардонад ва дар баробари ин бозии онҳоро назорат мекунад. Вале маводҳое, ки барои фаъолияти тасвирӣ аст бояд дар ҷойҳои ба кӯдакон дастнорас гузошта шаванд, чунки онҳо ҳоло аз онҳо ба таври дуруст истифода бурда наметавонанд. Инчунин гӯшаи табиати зинда низ ҷои муайяни худро дошта бошад, ки дар он моҳичаву паррандаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Ба ғайр аз ин дигар бозичаҳо барои бозиҳои серҳаракат, мебел ва дигар ашёҳои калон тавре ҷойгир бошанд, ки кӯдакон аз байни онҳо озодона гузашта тавонанд. Чунки ин гуна тартиботи моҳирона ва эҷодкорона ба кӯдакон роҳат мебахшад. Тарзи ҷо ба ҷогузории ашёҳо инчунин ба бозиҳои нақшдору мазмуннок алоқаманд аст. Чунончи ҳалқаҳои калони барои машқҳои миён -ҳалқаҳо чун дари хоначаи бозикунии кӯдакон истифода бурда мешавад, яъне кӯдакон ҳангоми бозӣ аз дохили он гӯё ба хонаи худ медароянд ва амсоли инҳо.

Таъмин намудан бо маводҳои бозикунӣ хеле муҳим аст, вале ин роҳи ягонаи муҳаёсозии шароит барои фаъолияти мустақилонаи кӯдакон набуда, ташаккули фаъолияти мустақилона ва эҷодии кӯдакон инчунин ба шакл ва мазмуни муошırати мураббия бо ҳар як кӯдак вобастааст.ин муошират бок адом роҳе сурат нагирад бояд дар фазои хайрхоҳию баробарбинӣ ҷараён ёбад. Он бояд кӯдаконро барои дар амал истифода бурда тавонистани донишҳои худ , тарзи амал намудан бо ашёҳоро ки дар вақти машғулият , ё худ фаъолияти якҷояи онҳо бо калонсолон аз худ шудаанд равона созад.

Мураббиро лозим меояд, ки инкишофи фаъолнокӣ ва хаёли эҷодии кӯдаконро васеъ намояд. Ҳангоми ба кӯдакон бо ягон хоҳиш мурочиат намудан бояд номи онҳоро гирифта мурочиат намояд. Агар худи мураббия бозӣ карда тавонад ва онро дӯст дорад он гоҳ ӯ рӯҳияи кӯдаконро хуб фаҳмида метавонад ва бо онҳо чӣ тавр муносибат карданро медонад.

Мураббияи соҳибтаҷриба ҳангоми бозӣ кӯдаконро мушоҳида менамояд. Вай метавонад дар атрофии кӯдакон гашту гузор намояд, рост истад ё нишинад, вале боядҳама вақт нуқтаеро интихоб намояд, ки ягон кӯдак аз назари ӯ дур намонад. Ба назди ҳар як тарбиятгиранда дар вақти бозии мустақилонаашон мураббия метавонад, на кам аз 2-3 маротиба омада пурсад, ёрӣ расонад. Яъне ба назди ҳар як кӯдаки ғамгин кайфияи рӯҳияашон парешон рафта, бо ӯ дар бозии «Рустшавакон» бозӣ мекунад, ба кӯдаки дигар бошад тарзи андохтани ҳалқачаҳоро ба меҳвари пирамида нишон медиҳад , сеюминро либосҳояшро ба тартиб даровардa, дар бораи чӣ тавр ин пагоҳӣ ба боғча омадани ӯ сӯҳбат мекунад.

Фаъолияти мустақилонаи кӯдаконро ташкил намуда, мураббия диққати асосиро ба шаклгирии муносибати хайрхоҳонаи

байниҳамдигарии онҳо медиҳад. Бо ҳамаи кӯдакон ба таври оромона ва босаброна муносибат менамояд. Бояд ба вайронкунии тартибот-бо овози баланд гап задании мураббия бо кормандони дигари боғча ва парешон намудани диққати кӯдакон роҳ дода нашавад.

Қоидае мавҷуд аст, ки он «ҳангоми машғулият ба мураббия ва тарбиятгирандагон халал нарасонед!» . Ин қоида ҳангоми бозӣ низ риоя карда шавад.

Инак масъалаҳои ба нақшадарории корҳои мураббиро дида баромадан лозим аст, ки он ба зина ба зина мураккабнамоии бозиҳои мустақилонаи кӯдакон бо бозичаҳои образнок равона карда шудааст. Ин ҳам бошад яке аз шартҳои асосии ташкили корҳои раванди педагогӣ ба шумор меравад, ки он ба қобилияту маҳорати мураббия вобастагӣ дорад.

Ҳамаи системаи ч0орабиниҳои педагогӣ ба ғайр аз ҷараёни сюжети бозиҳо ба нақша даровварда мешавад. Чунки он, яъне пешакӣ муайян кардани сюжет метавонад инкишофи фаъолонаи мустақилонаи кӯдаконро боз дорад.

Ба нақшадарории системаи чорабиниҳои педагогӣ аз як тараф барои инъикос намудани ҳодисаҳои гуногуни олами гирду атроф равона карда шуда бошад, аз тарафи дигар сарчашмаи бавуҷудоварандаи мураккабшавии тарзҳои иҷрои амал дар ҳаёти ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад.

Дониши кӯдакон дар бораи олами гирду атроф, ки сарчашмаҳои гуногуни пайдоиши худро доранд, мавзӯъ, мазмун ва вазифаҳои бозиҳои нақшдори онҳоро муайян мекунад. Ин донишҳои кӯдакон дар натиҷаи машғулиятҳо ва мушоҳидаҳои махсус ба дастоварда мешаванд. Дар натиҷа алоқаи байни таҷрибаи пештара бо донишҳои нав барқарор мегардад. Барои зина ба зина мураккаб намудани роҳу воситаҳои ҳалли маъалаҳои (муаммоҳо) бозӣ дар нақшаи кории календари мураббия инҳо ҷудо карда мешаванд: дам ба дам иваз намудани бозичаҳо, боиҳои таълимӣ (яъне бозиҳои якҷояи мураббия бо кӯдакони алоҳида ва ё бо зергурӯҳи на онқадар калон) ва инчунин тағйир додани усулҳои фаъолгардонии бозиҳои мустақилонаи онҳо. Мураббия метавонад на ҳамаи ин пунктҳоро балки якчандтои онҳоро ба нақша ворид кунад.

Махсусан дар давраи барвақти бачагӣ чунин тарзи муоширати мураббия лозим аст, ки кӯдаконро ба бозии мустақилонаи эҷодӣ талқин намояд. Кӯдакони ин синнусол ба муносибати калонсолон диққати калон медиҳанд. Онҳо дар бозии худ иштироки баробари калонсолро бинанд, дар бозии онҳо боздорӣ ба вуҷуд меояд ва ин амал мунтазам метавонад ба сустшавии фаъолнокӣ ва қобилияти эҷодии онҳо оварда мерасонад.

Ҳамкории эмотсионалӣ ва боварии калонсолон нисбати кӯдакон ба инкишофи бозӣ таъсири худро мерасонад. Калонсол бояд дар бозӣ

лаҳзае худро чун кӯдак ҳис карда тавонад. Дар ин ҳол ӯ метавонад бозии кӯдаконро фаҳмида хуб дарк намояд ва дар вақти зарурӣ ба онҳо луқмапартоӣ наояд, ягон чизи шавқовар фикр карда барояд, дар ҳолати душворӣ кашидан ба онҳо кӯмак расонад, лекин коре, ки худи кӯдакон аз уҳдаи иҷро намудани он мебароянд ба ҷои онҳо набояд иҷро кунад. Амал намудан ба ҷои кӯдак метавонад ба ба карахтӣ оварда расонад. Инро мураббия бо роҳи мунтазам мураккабнамоии вазъияти проблемавии бози, ки дар он вазифаҳои асосии бозӣ пешакӣ ба нақша даровварда мешавад ҳал намояд (масалан шароит барои баррасӣ намудани мавзӯи бозӣ ба воситаи роҳу усулҳои гуногун). Клонсол намунаи тайёрро надода, балки кӯдакро барои ба мақсади гузоштаи худ расидан водор мекунад.

Вазъияти проблемавӣ дар бозӣ бо роҳи мунтазам тағйир додан ва мураккаб намудани маводҳои бозикунӣ ва инчунин ҳангоми муоширати мураббия бо кӯдакон ба роҳ монда мешавад. Педагог кӯшиш мекунад, ки дар кӯдакон шавқи эмотсионалии бозӣ ва хоҳиши бок адом роҳ ҳал намудани муаммоҳои он ва ғайраҳоро ҷоннок намояд.

## 2. Вазифаҳои педагогии пешбарӣ дар бозиҳои кӯдакони синни калони томактабӣ

1. Мураккаб ва бой намудани мазмуни бозиҳои нақшдору мазмунноки мустақилонаи кӯдакон.
2. Инкишоф ва такмин додани дониши кӯдакон дар бораи муносибатҳои байниҳмдигарӣ дар нақш (ташкили сӯҳбати байни ҳамдигарӣ, маслиҳат додан ва ғ.).
3. Ташаккул додани мустақилнокӣ ва эҷодкорӣ дар кӯдакон.

Зинаҳои ташкили бозӣ.

I. Аз ҳисоби муносибатҳои якҷояи кӯдакон ва мураббия дар ҷараёни бозиҳои нақшдору мазмуннок зам шудани таҷриба.
II. Ворид кардани кӯдакон ба вазъиятҳое, ки дар бозӣ дар асоси муносибатҳои якҷоя (мураббия ҳамчун ёрдамчӣ) проблема гузошта мешавад.
III. Ташкил намудани шароити мусоид барои истифода бурдани маҳорати азхудкардаи нақшофарӣ дар бозиҳои нақшдору мазмуннок.